Боздиди гурӯҳи кории Кумита аз мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба вазъи амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти сиёсати давлатии забон

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 3 Август, 2022 - 16:36
[1]

Бо мақсади санҷиши амалкарди муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ

ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ва «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» ҷиҳати иҷрои Нақшаи кории Кумита барои нимсолаи дуюми соли 2022 аз 5-уми июли соли 2022, №2 тибқи фармоиши раиси Кумита аз 15 июли соли 2022, №76 гурӯҳи корӣ дар ҳайати муовини раиси Кумита Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло (роҳбари гурӯҳ) ва сардори шуъбаи ташкилию ҳуқуқӣ Сафаров Эрач Гулаҳмадович аз мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ ва Мурғоби Вилоят, шуъбаҳои маориф, бахшҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳру ноҳияҳои мазкур аз 17-уми то 26-уми июли соли 2022 ҳолати риояи муқаррароти санадҳои болозикрро дар шаҳру ноҳияҳои зикргардида мавриди санҷиш қарор доданд.

Ҳангоми санҷиш аз ҷониби гурӯҳи корӣ корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуда, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва риояи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ба масъулон фаҳмонида шуд.

Ҳамзамон, аз ҷониби гурӯҳи корӣ ҷиҳати иҷрои Қонуни мазкур ба масъулон дастуру тавсияҳои мушаххас дода шуда, баъзе камбудиҳо саривақт бартараф карда шуданд.
Илова бар ин, гурӯҳи корӣ дар фарҷоми санҷиш бо иштироки доираи васеи кормандони шуъбаю бахшҳои дахлдори мақомотҳои мазкур семинар-машварат баргузор намуд, ки дар он доир ба масъалаҳои риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва риояи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» дар раванди коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ, муошират ва мукотибот, риояи номгузорӣ тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ ва «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ», инчунин, ҷиҳати эҳтирому арҷгузорӣ ва баланд бардоштани савияи дониши забони давлатӣ байни занону духтарони шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, бартараф намудани норасоию камбудиҳо дар самти ҳуҷҷатнигорӣ ва коргузории мақомот, идора ва муассисаҳо ва ба меъёрҳои забони давлатӣ мутобиқ намудани навиштаҷоти шиору овезаҳо дар хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳои мазкур маслиҳату машваратҳои судманд дода шуд.

Ҳамзамон, аз ҷониби гурӯҳи кории Кумита ба масъулони мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ ва Мурғоби Вилоят маводҳои методии ёрирасон аз қабили китобҳои «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ», «Фарҳанги номҳои миллии тоҷикӣ», «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» дар умум 315 нусха китобҳои зикргардида ва дигар маводҳои зарурӣ дар шакли чопӣ ва электронӣ ҳамчун туҳфа аз номи Кумита ройгон дастрас карда шуданд.

Баҳодиҳии муҳтаво: -79955

Баҳои миёна: -79955 (6 овоз)

Rate

Категория:

- Гузоришҳо [2]
- Ахбори рӯз [3]
- Фаъолият [4]

•

•

•

•

•

•

•

•

•

•

•

•

•

Манбаъ::http://kumitaizabon.tj/tg/content/bozdidi-gurukhi-korii-kumita-az-makomotkhoi-ichroiyai-makhallii-khokimiyati-davlatii-shakhru?qt-quicktabs=1

Пайвандҳо
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/asosi_0.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B3%D1%83%D0%B7%D0%BE%D1%80%D0%B8%D1%88%D2%B3%D0%BE [3] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [4] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D1%84%D0%B0%D1%8A%D0%BE%D0%BB%D0%B8%D1%8F%D1%82 [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/1_12.jpg [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/2_12.jpg [7] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/3_13.jpg [8] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/4_10.jpg [9] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/5_8.jpg [10] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/6_5.jpg [11] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/7_6.jpg [12] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/8_2.jpg [13] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/9_1.jpg [14] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/10_1.jpg [15] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/11_0.jpg [16] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/12_0.jpg [17] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/13_0.jpg